**Тақриз**

*ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад дар мавзӯи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудӣ «Резервати биосферии Ромит» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илми география) пешниҳод мегардад.*

Соҳаи сайёҳӣ имрӯз яке аз соҳаҳои босуръат инкишофёбандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Новобаста аз он, ки дар солҳои охир аз тарафи роҳабарияти ҷумҳурӣ барои рушди самараноки соҳа саъю талошҳои зиёде гардида бошанд ҳам, вазъи кунунии соҳа (сайёҳии экологӣ) ва дараҷаи тараққиёти он беҳбуди мехоҳад.

Албатта, роҳи асосии ташкили самараноки ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиии “Резервати биосферии Ромит” ин дар навбати аввал таҳқиқи имкониятҳои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди резерват, инчунин муайян намудани ҷанбаҳои таъсироти мусбии он ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии экологӣ дар ҳудуди ҳифзшаванда тавассути такмили механизми идоракунии фаъолияти сайёҳии экологӣ бо коркарди самтҳои рушд ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он мебошад.

Барои ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта диссертант дар бобҳои алоҳидаи рисола механизми ташкилӣ намудҳои туризми экологӣ, аз ҷумла принсипҳои гузаронидани он дар ҲТММ Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, имкониятҳои табиӣ ва таърихӣ-фарҳангии ҳудуди “Резервати биосферии Ромит”-ро ҳамчун заминаи рушди экотуризм таҳқиқ намудаанд. Бо мақсади муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-экологии ҳудуди резерват ва сатҳи маърифатнокии экологии аҳолии маҳаллӣ муаллиф тавассути пурсишҳои сотсиологӣ пешниҳод намудааast. Инчунин ҳангоми тадқиқоти рисола муаллиф роҳҳои такмили механизми идоракунии туризми экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит” бо тавсияҳо оид ба ташаккули рушди соҳа таҳия намуда, самтҳои афзалиятноки рушди стратегии туризми экологӣ тавассути нуқтаи назари тамоюлоти инноватсионӣ ва иҷтимоии рушди минтақавӣ муқаррар намудаанд.

Албатта, роҳи асосии ин самт аз коркарди меъёрҳои самараноки ташкил ва гузаронидани саёҳатҳои экологӣ дар ҳудуди “Резервати биосферии Ромит”, истифодаи оқилона ва устувори захираҳои сайёҳии резерват, ташкили назорати самаранок ва оқилонаи захираҳои сайёҳии ҳудуд ва рушди минбаъдаи муносибатҳои сайёҳӣ бо мақсади муносибсозии онҳо иборат аст. Аз таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф бармеояд, ки дар асоси модели

таҳиянамудаи он ва идоракунии захираҳои табиии татбиқи экотуризро, дар ҳудуди "Резервати биосферии Ромит" ташаккул додан мумкин аст.

Рисолаи пешниҳодшуда дорои аҳамияти калони амалӣ дошта, натиҷаҳои он ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди устувори сайёҳӣ-фароғати на танҳо дар ҳудуди "Резервати биосферии Ромит", балки дар дигар ҳудудҳои табиии махсус ҳифизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҲТММ Осиёи Марказӣ хизмат намоянд. Онҳо инчунин имконят медиҳанд, ки вазифаҳои асосноккунии экологии нақшаи ҷобаҷогузории объектҳои туризми экологӣ ва инчунин гузаронидани чораҳои ҳифзи табиатро дар ҳудуди ҳифзшаванда ва минтақа самаранок ба таври устувор бар уҳда гирад.

Дар муқаддима асоснокии мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва передмети омӯзиш, методология ва методҳои гузаронидани таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якум ***«Асосноккунии назариявӣ-методологии сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли устувори истифодабарии табиат»*** тамоюлоти ҷаҳонӣ ва роҳҳои рушди сайёҳӣ таҳлил гардида, дар он моҳияти сайёҳии экологӣ ҳамчун шакли оқилонаи истифодабарии табиат, роҳҳои геоэкологии омӯзиши фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар марзи ҲТММ ошкор гардидаанд.

Дар боби дуюм **"Хусусиятҳои геоэкологии таркибҳои сайёҳӣ-рекреатсионии ҳудуди "Резервати биосферии Ромит"** маълумоти муқаддимавӣ дар бораи резерват оварда шуда, тавсифи табиии минтақаҳои геосистемавӣ, шароитҳои геологӣ – геоморфологӣ, шароитҳои иқлимӣ, қабати хоки ҳудуди резерват, инчунин дигар маълумот оид ба олами набототу ҳайвоноти мавзеъ гирд оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки тадқиқоти диссертатсионии мавсуф актуалӣ буда, он мазмуни амиқ ва хислати эҷодӣ дорад.

Нававарии илмии таҳқиқоти рисолаи номзадӣ таҳия гардида асосноксозии рушди самараноки фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудуди "Резервати биоферии Ромит" кор карда баромада шуда он мутобиқи Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои "Комиссияи оллии аттестатсионӣ"-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии сарватҳои табиӣ, фаслҳои:

8. Рушди устувори ҳудуд бо назардошти ғунҷоиши он, инчунин неруи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, инсонӣ ва табиӣ;

11.Ташкили ҳудудӣ ва ҷобаҷогузории соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ, соҳаҳои дигари фаъолияти инсон, аз ҷумла соҳаи хизматрасонӣ мебошад.

*Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* ҳангоми иҷроиши вазифаҳои рисолаи илмӣ худро ҳамчун як пажӯҳишгари мақсаднок, боистеъдод ва мустақил нишон дод. Вай бо сатҳи баланди зеҳнӣ, меҳнатдӯстӣ ва иртиботи олӣ фарқ мекунад. Дар асоси гуфтаҳои боло, боварии комил дорем, ки *Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад* ки барои дарёфти унвони илмии, номзади илмҳои геоография аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – соҳаи илми география)

Тақриздиҳандагон: *Мирзоев А.Қ* - н.и.г., дотсенти кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Ибрагимова Р.А – н.и.г., дотсенти кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

Имзои Мирзоев А.Қ- ва Ибрагимова Р.А – ро тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел. (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
Email: info@kgu.tj, somona@kgu.tj

21 – уми июли соли 2025